# РАВЗАНАИ БОНКИИ ИСЛОМИИ ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ “ИМОН”

**Ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи аудиторони мустақил,**

барои соли молиявие, ки дар санаи 31 декабри соли 2023 ба анҷом расидааст.

## ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 ХОТИМА ЁФТААСТ

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии Равзанаи бонкии исломии Фонди қарзии хурди “Имон” (*минбаъд дар матн чун Равзана зикр мешавад)* ҳисобида шавад.

Роҳбарияти *Равзана* барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми манбаъҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи *Равзана* тайи соли хотимаёфтаи 31 декабри соли 2023-ро мутобиқи стандартҳои баҳисобгирии молиявӣ (“FAS”), ки аз ҷониби Ташкилоти баҳисобгирӣ ва аудити ташкилотҳои молиявии исломӣ ("AAOIFI") бароварда шудаанд, қоидаҳо ва принсипҳои шариати исломӣ, ки Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии *Равзана* муайян кардааст инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Доварӣ ва тахминҳои оқилона;
- Риоя кардани талаботи стандартҳои AAOIFI ва шарҳ додани тамоми ҳолатҳои берунравӣ аз меъёрҳои ин стандартҳо дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти ин эҳтимолият, ки *Равзана* дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истиснои мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Тарҳрезӣ, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии *Равзана*;
- Пешбурди баҳисобгирӣ, ки имконият медиҳад дар ҳар лаҳза ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии *Равзана* омода шавад ва мутобиқати ҳисоботи молиявӣ бо талаботхои стандартҳои AAOIFI таъмин карда шавад;
- Барои масъалаҳои асосии баҳисобгирӣ, ки ягон стандарти AAOIFI вуҷуд надорад, барои роҳнамоӣ аз Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ ("IFRS"), ки Шӯрои Стандартҳои Байналмилалии Баҳисобгирии Молиявӣ ("IASB") баровардааст, роҳнамоӣ кунад, ба шарте ки онҳо бо қоидаҳо ва принсипҳои Шариат мухолиф набошанд. чунон ки аз ҷониби Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии *Равзана* муайян карда шудааст;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои *Равзана*;
- Ошкор ва ҷилавгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли дар санаи 31 декабри соли 2023 анҷомёфта 29 марти соли 2024 тасдиқ гардидааст.

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

RSM

**RSM Tajikistan**

Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
**T** +992 (44) 6006370
rsm.tj

ООО "РСМ ТОҶИКИСТОН"
Исх. № 13/24
«29» марта 2024 г.

**ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ**

Ба Шӯрои Парасторон ва Роҳбарияти Равзанаи бонкии исломии Фонди Қарзии Хурд «ИМОН»

***Ақида***

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Равзанаи бонки исломии Фонди Қарзии Хурди "Имон"-ро (минбаъд дар матн - Равзана), ки ҳисобот оиди вазъияти молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади дигари муштарак, ҳисобот оиди тағирот дар ҳайати сармояи худӣ, ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ барои соли хотимаёфта, инчунин тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, ва шарҳи мухтасари қисмҳои асосии сиёсати ҳисобдориро дарбар мегирад, баргузор намудем.

Ба хулосаи мо, ҳисоботи молиявии пешниҳодгашта ҳолати молиявии Равзанаро дар ҳама равандҳои назаррас ба санаи 31 декабри соли 2023, инчунин натиҷаҳои молиявӣ ва гардиши воситаҳои пулии онро дар соли хотимаёфта дар мувофиқат бо стандартҳои баҳисобгирии молиявӣ, ки аз тарафи Ташкилот оиди муҳосибот ва аудит барои ташкилотҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) баровварда шудаанд, инъикос менамояд.

***Асос барои ифодаи ақида***

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ ("СБА") гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши "Масъулияти аудитор барои санқиши аудитории ҳисоботи молиявӣ"- ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмиллалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст ("Кодекси ШСБАМ"), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Равзана мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие,ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

***Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд***

Ҳисоботи молиявии мазкур ва ӯҳдадории Равзана оиди фаъолият намудан мутобиқи қоидаҳо ва принсипҳои Шариати исломӣ, масъулияти роҳбарияти Равзана ва шахсони масъул ба идоракунӣ ба шумор меравад.

Роҳбарият барои омодасозӣ ва пешниҳоди эътимодноки ҳисоботи молиявӣ дар мутобиқат бо стандартҳои баҳисобгирии молиявии аз тарафи AAOIFI баровардашуда ва барои чунин низоми назорати дохилӣ, ки роҳбарият барои омода сохтани ҳисоботи молиявии дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо таъриф нагашта зарур мешуморад, масъулият бар дӯш дорад.



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

Ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявӣ, роҳбарият масъулиятро барои баҳодиҳии қобилияти Равзана барои бефосила идома додани фаъолияти худ, барои дар ҳолатҳои муайян ифшо сохтани маълумотҳои ба бефосилагии фаъолият алоқаманд буда, ва омода сохтани ҳисобот бо такя ба тавсифи бефосилагии фаъолият, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдиҳии Равзана, қатъ намудани фаъолияти он, ё дар вақти алтернативаи воқеӣ ба чунин амалҳо надоштани он, бар дӯш дорад.

Шахсоне, ки идоракунӣ ба зимаи онҳо вогузошта шудааст, ба назорати раванди ҳисоботи молиявии Равзана масъул мебошанд.

***Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо гирифтани итминони оқилона оиди он ки, ҳисоботи молиявӣ ба таври умумӣ дорои таҳрифҳои назаррас, ки дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо сар задаанд, ва дар омодасозии хулосаи аудиторӣ, ки хулосаи моро дарбар мегирад, намебошад. Итминони оқилона, сатҳи баланди итминонро дарбар мегирад. Вале он кафолатро оиди он ки аудити мувофиқи СБА баргузор гашта, ҳамеша дар сурати ҷой доштани таҳрифҳои назаррас, онҳоро ошкор менамояд, дода наметавонад. Таҳрифҳо метавонанд, ки натиҷаи амалҳои қаллобӣ ё хатогиҳо ба миён оянд, ва назаррас ҳисобида мешаванд, агар ба таври асоснок пешбинӣ кардан мумкин бошад, ки онҳо ба таври алоҳида ва ё дар якҷоягӣ метавонанд, ба қабули қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки бо такя ба ин Ҳисоботи Молиявӣ қабул карда мешаванд, таъсир мерасонад.

Дар доираи аудити дар мувофиқат бо СБА баргузоршаванда, мо муҳокимаи касбиро истифода намуда ва нобоварии касбиро дар тамоми давраи аудит нигоҳ медорем. Ғайр аз ин мо корҳои зеринро анҷом медиҳем:

- Хавфҳои дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ва хатогиҳо сарзадаро ошкор ва баҳогузорӣ менамоем; барои ҳалли ин хавфҳо расмиёти аудиториро коркард ва баргузор менамоем; ва далелҳои аудиториро, ки барои истифода намудани онҳо ҳамчун асос барои баён намудани хулосаи мо назаррас ва қобили қабул мебошанд, мегирем. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифи назарраси дар натиҷаи амалҳои қаллобӣ ба вуҷуд омада, аз хавфи ошкор гаштани таҳрифи дар натиҷаи хатогиҳо ба вуҷуд омада баландтар аст, чунки амалҳои қаллобӣ метавонад, ки созиши пешакӣ, сохтакорӣ, ҳамроҳнанамоии барқасдона, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ё берун аз низоми назорати дохилӣ амал намуданро дарбар гирифта бошад;

- Дарк намудани низоми назорати дохилӣ, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудитории ба ҳолатҳо мувофиқбуда, ки барои аудит аҳамиятнок аст, вале на барои мақсади баён намудани нуқтаи назар оиди самаранокии низоми назорати дохилии Равзана;

- Қобили қабул будани сиёсати ҳисобдории истифодашаванда ва асоснокии пешбиниҳои муҳосиботӣ ва ифшосозиҳои дахлдори аз тарафи роҳбарият анҷом додашударо баҳогузорӣ менамоем;

- Оиди қобили қабул будани аз ҷониби роҳбарият истифода гаштани пешбинӣ оиди бефосила будани фаъолиятро хулосабарорӣ менамоем, ва, дар асоси далелҳои аудитории дарёфтгардида, оиди он ки номуайянии назаррас дар алоқамандӣ бо руйдодҳо ва шароитҳое, ки метавонанд, номуайянии назаррасро дар қобилияти Равзана барои бефосила идома додани фаъолияти худ ба миён оранд, хулоса мебарорем. Агар мо ба хулоса оем, ки номуайянии назаррас ҷой дорад, пас мо бояд дар хулосаи аудиториамон диққатро ба ифшои муносиби маълумотҳо дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем, ё агар чунин ифшосозии маълумот қобили қабул набошад, хулосаи хешро тағир диҳем. Хулосаи мо, ба далелҳои аудиторие асос ёфтаанд, ки то санаи ҳисоботи аудитории мо дастрас карда шудаанд. Аммо руйдодҳо ва шароитҳои оянда, метавонанд, ба аз ҷониби Равзана аз даст додани қобилият барои бефосила идома додани фаъолият таъсир расонанд;

- Баҳодиҳии пешниҳод гаштани ҳисоботи молиявӣ, сохторҳо ва муҳтавои он, аз ҷумла ифшосозиҳои маълумотро ба таври умум мегузаронем, яъне оё ҳисоботи молиявӣ дурустии амалиётҳо ва

руйдодҳои ба он асосёфтаро тавре пешниҳод менамояд, ки пешниҳоди боэътимоди онҳоро таъмин намояд;

- Далелҳои кофӣ ва қобили қабул оиди маълумоти молиявии воҳидҳо ва фаъолияти хоҷагидориро дар доираи Равзана, барои баён намудани хулоса оиди ҳисоботдиҳии молиявӣ дарёфт менамоем. Мо барои роҳбарии умумӣ, назорат ва баргузорнамоии аудити Равзана ҷавобгар ҳастем. Мо барои хулосаи аудиториамон шахсан ҷавобгар ҳастем.

Мо бо роҳбарият мукотиба намуда, ба самъи у, ғайр аз маълумотҳои дигар, оид ба ҳаҷм ва мӯҳлати аудит, ҳамчунин маълумотро оиди мушоҳидаҳои назаррас, вобаста ба натиҷаҳои аудит, ҳамчунин оиди камбудиҳои назаррас дар низоми назорати дохилӣ, агар онҳо дар рафти аудит ошкор карда шаванд, маълумот пешниҳод менамоем.

Мо ҳамчунин ба роҳбарият аризаро оиди аз ҷониби мо риоя гаштани ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдор дар муносибат бо мустақилиятро пешниҳод намуда, ва ба ӯ оиди ҳамаи муносибатҳои тарафайн ва дигар масъалаҳое, ки асос барои расонидани таъсир ба мустақилияти аудитор шумурдан мумкин аст, ва дар ҳолатҳои зарурӣ оиди чораҳои дахлдори эҳтиётӣ иттилоъ медиҳем.

Шарики аудит ҳангоми додани ҳисобот оид ба натиҷаҳои хулосаи аудити мустақил Мафтунҷон Баратов мебошад.

Баҳрулло Муллоев
Роҳбари Идоракунанда
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Иҷозатномаи Бонки миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ №0000134 аз 29.12.2020 с.

Мафтунҷон Баратов
Шарики аудит
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Шаҳодатномаи мутахассиси
аудити бонк
БМТ № 0000057 аз 30.12.2015 с.

29 марти соли 2024
Душанбе, Тоҷикистон

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДАРОМАДИ ДИГАРИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2023 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| Даромад аз маблағгузории исломӣ | 4 | 2,368,018 | 1,289,546 |
| ***Даромади соф аз маблағгузории исломӣ*** | | ***2,368,018*** | ***1,289,546*** |
| Ташаккули захира барои талафотҳои эҳтимолии қарзии дигар дороиҳо | 5 | (43,475) | 14,512 |
| Даромад/хароҷоти соф аз ҳисоби амалиёт дар асъори хориҷӣ | 6 | 514,424 | (327,202) |
| Дигар даромадҳо | 7 | 252 | 134 |
| ***Даромади софи амалиётӣ*** | | ***471,201*** | ***(312,556)*** |
| Хароҷотҳои амалиетӣ | 8 | (1,534,338) | (866,671) |
| ***Фоида то андоз*** | | ***1,304,881*** | ***110,319*** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 9 | (277,408) | (20,200) |
| ***Фоидаи соф*** | | ***1,027,473*** | ***90,119*** |
| Маҷмӯи даромади ғайр | | - | - |
| **Ҳамаги маҷмӯи фоида/зарар** | | **1,027,473** | **90,119** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Равзанаи бонкии исломӣ

Эзоҳоти дар саҳ. 11-34 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2023 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 10 | 7,397,279 | 7,636,456 |
| Қарздории дебиторӣ маблағгузории исломӣ | 11 | 18,403,297 | 11,555,894 |
| Даромади ҳисобшуда барои гирифтан | 12 | 96,574 | 32,356 |
| Дигар дороиҳо | 13 | 3,547 | - |
| Воситаҳои асосӣ | 14 | 79,123 | 58,637 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 15 | 190,896 | 176,566 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **26,170,716** | **19,459,909** |
| **САРМОЯ ВА ӮҲДАДОРИҲО** | | | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 16 | 427,997 | 109,166 |
| Қарз | 17 | 5,364,503 | |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **5,792,500** | **109,166** |
| **Сармоя** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 16 | 20,066,169 | 20,066,169 |
| Ҳиссаҷудокунии маблағгузорӣ | | 251,694 | |
| Зарари ҷамъшуда | | 60,353 | (715,426) |
| ***Ҳамагӣ сармоя*** | | ***20,378,216*** | ***19,350,743*** |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ ВА ӮҲДАДОРИҲО** | | **26,170,716** | **19,459,909** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳоти дар саҳ. 11-34 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯИ ХУДӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | Маблағгузорӣ аз Саридора | Ҳиссачудокунии маблағгузорӣ | Зарари ҷамъшуда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 1 январи соли 2022** | | **15,063,157** | **-** | **(802,533)** | **14,260,624** |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | | 5,003,012 | - | - | 5,003,012 |
| Зарари софи соли 2022 | | - | - | (3,012) | (3,012) |
| | | - | - | 90,119 | 90,119 |
| **Бақия ба 31 декабри соли 2022** | 18 | **20,066,169** | **-** | **(715,426)** | **19,350,743** |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | | - | - | - | - |
| Тасҳеҳ ба воситаи зарари ҷамъшуда | | - | 251,694 | (251,694) | - |
| Фоидаи софи соли 2023 | | - | | 1,027,473 | 1,027,473 |
| **Бақия ба 31 декабри соли 2023** | 18 | **20,066,169** | **251,694** | **60,353** | **20,378,216** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳоти дар саҳ. 11-34 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.

# ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 АНҶОМ ЁФТААСТ

(дар сомонӣ)

| | Эзоҳ | Барои соли 2023 | Барои соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | | |
| **Фоида/зарар то андоз** | | **1,304,881** | **110,319** |
| Тасҳеҳот: | | | |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафоти эҳтимолии дороиҳо | 5 | 43,475 | (14,512) |
| Итеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 8, 14, 15 | 28,328 | 14,998 |
| Воридот аз Саридора | 14 | - | (188,255) |
| Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда | 8 | (2,717) | 3,812 |
| Даромади ғайривоқей аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 6 | (514,424) | 324,191 |
| Даромад аз рӯи фаъолияти маблағгузории молиявӣ | 4 | (2,368,018) | (1,289,546) |
| **Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | | **(1,508,475)** | **(1,038,993)** |
| Тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар маблағгузории исломӣ | 11 | (6,890,878) | (7,599,055) |
| (Афзоиш)/камшавӣ даромади ҳисобшуда барои гирифтан | 12 | (64,218) | (32,356) |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар дигар дороиҳо | 13 | (3,547) | - |
| (Афзоиш)/камшавӣ дар дигар ӯҳдадориҳо | 16 | 44,140 | 58,128 |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ ва маблағгузорӣ** | | **(8,422,978)** | **(8,612,276)** |
| Даромад аз рӯи фоъолияти маблағгузории молиявӣ | 4 | 2,368,018 | 1,289,546 |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | | **(6,054,960)** | **(7,322,730)** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | 14 | (63,144) | - |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | **(63,144)** | **-** |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | | |
| Маблағгузорӣ аз Саридора | 18 | - | 5,003,012 |
| Гирифтани қарз | 17 | 5,364,503 | - |
| **Тағйироти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | | **5,364,503** | **5,003,012** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | | **(753,601)** | **(2,319,718)** |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ | 6 | 514,424 | (327,203) |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **10** | **7,636,456** | **10,283,377** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **10** | **7,397,279** | **7,636,456** |

**Аз номи роҳбарият:**

**Боймирзо Боймирзоев**
**Директор**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Далер Давлатов**
**Сармуҳосиб**

29 марти 2024 сол

Хуҷанд,
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эзоҳоти дар саҳ. 11-34 қисми ҷудонашавандаи ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-6 оварда шудааст.